«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____________ Қурбонзода М.Р.
аз «19» 02 соли 2026

# ХУЛОСАИ
# МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»

Диссертатсияи унвонҷӯ-докторанти кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

Дар марҳалаи омода намудани диссертатсия Саидзода Диловар Абдулаҳад ба ҳайси унвонҷӯ-докторанти кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав баромад намудааст.

Саидзода Диловар Абдулаҳад Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 2015 аз рӯйи ихтисоси «сиёсат ва идораи давлатӣ» хатм намудааст (ДТО №0174023)

Солҳои 2017-2019 унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав буд. Соли 2019 диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули сарварии сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ҳимоя карда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ гардидааст (02.03.2020 №57, ДНИ №0398)

Номбурда бо фармоиши ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 21.12.2021, №446[а]-фа ҳамчун унвонҷӯ-докторанти кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои

байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Саидзода Д.А. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ дар ҷаласаи Шурои олимони факултети сиёсат ва идораи давлатии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 24.11.2021, ҷаласаи №4 ва маҷлиси Шурои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 30.11.2021, ҷаласаи №4 тасдиқ шудааст.

**Мушовири илмӣ** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи масъалаҳои сиёсӣ муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз мебошад.

Диссертатсияи Саидзода Диловар Абдулаҳад дар ҷаласаи васеи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 14.02.2026, №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия дода шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ муайян гардидааст, ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар банди 8-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Субъектҳои ноаён дар сиёсат», дар банди 10-ум «Назарияи аксионизми сиёсӣ», «Консепсияи рушди устувор дар илмҳои сиёсӣ» ва дар банди 11-ум «Омилҳои хавф» ва «Усулҳои таҳлили хавфҳои сиёсӣ» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ асосҳои назариявию методологии таҳқиқи набардҳои иттилоотӣ, ҳолати тавсеаи онҳо дар шароити рушди рақамикунонӣ ва инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ, хатарҳо ва таҳдидҳои вобаста ба набардҳои иттилоотӣ ва инкишофи таҳдидҳои ғайрианъанавии иттиоотӣ ва таъсири онҳо ба амният ва суботи Тоҷикистон, таъмини анимяти иттилоотӣ, амнияти киберӣ, механизми ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити тавсеаи набардҳои иттилоотӣ, сенарияи набардҳои иттилоотӣ ва

ғайра масъулаҳои муҳимми никшофи назария ва амалияи сиёсӣ мавриди таҳқиқ ва хулосагириҳо қарор гирифтаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсия аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзуи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар мавзуи «Равандҳои сиёсӣ дар замони ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои дохилӣ ва берунӣ» (барои солҳои 2021 - 2025) гузаронида шудааст. Инчунин диссертатсияи мазкур аз рӯйи муҳтавои худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, таҳти №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур «манфиатҳои муҳимми миллӣ», «амнияти иттилоотӣ», «таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ», «кибертерроризм», «киберҷиноятҳо» ва ғ. барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд. Дар баробари ин таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба муҳтавое, ки дорад ба мавзуҳои пешбинишудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.02.2025, таҳти №114 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур «технологияҳои рақамӣ», «идоракунии самараноки технолоғияҳои рақамӣ», «зеҳни сунъӣ», «ивази вазифаҳои соҳаи хизматрасонии давлатӣ ба зеҳни сунъӣ», «технологияҳои коммуникатсионӣ ва амнияти иттилоотӣ», «баланд бардоштани устуворӣ ва амният», «амнияти қабул, нигаҳдорӣ, интиқол ва коркарди иттилоот», «таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ» ва ғайра барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Д.А. дар шароти тавсеаи набардҳои иттилоотӣ баҳри таъмини амнияти иттилоотӣ, мустақилияти давлат дар фазои иттилоотӣ, механизмҳои нигоҳ доштан ва таҳким бахшидани истиқлолияти иттилоотӣ, сенарияҳои муваффақи набардҳои иттилоотӣ, таҳкими зарфиатҳои иттилоотӣ ва киберии давлат дар шароити нави афзоиши таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва ҳам аҳаммияти бештари амалиро соҳиб мебошад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқи кори диссертатсионии Саидзода Диловар Абдулаҳад барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои муаллиф

нашр гардидаанд. Интишороти докторант вобаста ба мавзуи таҳқиқи илмии ӯ чоп шудаанд ва аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мутобиқат доранд. Муаллифи диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқи илмии худ 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба нашр расонидааст. Теъдоди интишороти унвонҷуи дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Хулосаҳое, ки аз ҷониби муаллиф таҳия гардидаанд, дар ташаккули назарияи набардҳои иттилоотӣ идораи воситаҳо, технологияҳои иттилоотӣ, фазои рақамӣ ва омӯзиши минбаъдаи набардҳои иттилоотӣ ва масъалаи тавсеаи онҳо дар шароити рушди бесобиқаи воситаҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ аҳамияти илмию методологӣ доранд. Таснифоте, ки муаллиф пешниҳод кардааст, барои таҳлили минбаъдаи таҳдидҳои замони муосир метавонад истифода бурда шавад. Дар консепсияи пешниҳоднамудаи муаллиф таъмини соҳибихтиёрии иттилоотӣ, иштирок ва ба нафъи худ зуҳур пайдо кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти пешбурди фаъолияти назорати фазои итилоотӣ, ихтиёрдории технологияи рақамӣ дар шароити тавсеаи набардҳои иттилоотӣ , пешбинӣ гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди истеҳсолот, яъне ҳангоми таълими бахшҳои илмҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар ин бора санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ - Санад дар бораи истифодаи натиҷаҳои Корҳои илмию таҳқиқотӣ (КИТ) дар раванди таълим аз таърихи 12-уми октябри соли 2024 мавҷуд аст. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин барои такмили барномаҳои таълимии донишгоҳҳо ва омӯзишҳои касбии кормандони давлатӣ аҳамияти баланд доранд. Таълими мутахассисони соҳаи амнияти иттилоотӣ, сиёсатшиносӣ, коммуникатсияи рақамӣ ва идоракунии стратегии иттилооти сиёсӣ метавонад дар асоси маълумоти бадастомада такмил дода шавад, ки ба тавсеаи захираҳои инсонӣ ва таҳкими иқтидори миллӣ дар соҳаи ҳифзи фазои иттилоотӣ мусоидат мекунад. Муҳим ин аст, ки хулосаҳои таҳқиқот барои возеҳу равшан намудани хусусиятҳои бевоситаи набардҳои иттилоотӣ, ҳолати ҳимояшавандагии манфиатҳои миллӣ дар фазои иттилоотиву рақамӣ низ мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ дар раванди таълими фанҳои «Сиёсатшиносӣ», «Геополитика», «Технологияи сиёсӣ», «Амнияти миллӣ», «Тмоюлҳои асосии инкишофи давлати муосир», «Сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ», «Раванди сиёсӣ», «Сиёсат ва ВАО», «Манфиатҳои миллӣ», инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои мазкур метавонанд истифода шаванд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар иҷро ва татбиқи таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои хусусияти муайянкунанда мебошад. Муаллиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот, аз марҳилаи ташаккули ғояи илмӣ то ҷамъбаст ва таҳияи хулосаҳои ниҳоӣ, иштироки фаъол ва мустақим доштааст. Интихоби мавзӯи таҳқиқ, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, асосноккунии ҳадафу вазифаҳо, инчунин таҳияи фарзияи илмӣ пурра аз ҷониби довталаб анҷом дода шудааст. Дар раванди коркарди заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот муаллиф доираи васеи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷиро мавриди омӯзиш, таҳлил ва муқоиса қарор дода, заминаи мустаҳками илмиро барои омӯзиши худ фароҳам овардааст. Ҳамзамон, довталаб ҷиҳати таъмин намудани асоснокии эмпирикии натиҷаҳо ҳаҷми зарурии сарчашмаҳои иттилоотӣ, маводҳои таҳлилӣ ва маълумоти омориро ҷамъоварӣ, коркард ва арзёбӣ намуда, онҳоро дар доираи консепсияи илмии таҳқиқот истифода бурдааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмии мустақил таҳия гардида, дар маҷаллаҳои тахассусии илмӣ ба табъ расонида шудаанд. Хулосаҳои илмӣ, натиҷаҳои ҷамъбастӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки барои татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар соҳаҳои дахлдор пешниҳод шудаанд, мустақиман аз ҷониби довталаб таҳия гардида, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Ба ин васила, саҳми шахсии муаллиф дар анҷом ва рушди таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун фаъолияти мустақили илмӣ, эҷодӣ арзёбӣ гардида, сатҳи баланди омодагии касбӣ ва тадқиқотии ӯро инъикос менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Д.А. дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ кори илмии баанҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Мавзуи диссертатсионии Саидзода Д.А. ба талаботи бандҳои 32 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Мазмуну мундариҷаи таҳқиқот ва мавзуи

диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Кори диссертатсионӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии самти илмҳои сиёсӣ пешниҳод карда мешавад.

Диссертатсияи мазкур аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, панҷ боб, чаҳордаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, номгӯйи адабиёт ва интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо риояи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият даровардa шудааст. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 15 мақола дар маҷаллаҳои дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 13 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**


1. Саидзода, Д. А. Набардҳои иттилоотӣ ҳамчун воқеияти сиёсии замони муосир (таҳлили назариявӣ ва консептуалӣ) [Матн] / Д. А. Саидзода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – No.2 (67). – С.349-360. ISSN: 2664-0651; EDN: FKYRKE.
2. Саидзода, Д. А. Информационная война: теоретический и концептуальный анализ [Матн] / Д. А. Саидзода // Международный научный журнал Endless Light in Science. – 2024. – №4. – С.69-77. e-ISSN: 2709-1201.
3. Саидзода, Д. А. Пешгирии хатарҳои кибернетикӣ ҳамчун таҳдиди иттилоотӣ омили таъмини амният ва таҳкими истиқлолият [Матн] / Д. А. Саидзода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – No.4-2 (70). – С.506-514. ISSN: 2664-0651; EDN: CRKGWP.

4. Саидзода, Д. А. Воситаҳои иттилоотӣ - майдони бархурди манфиатҳои сиёсӣ [Матн] / Д. А. Саидзода // Фурӯғи илм. – 2024. – No.2. (2) – С.125-136. ISSN: 3078-395X; EDN: ORXHHM.
5. Саидзода, Д. А. Набардҳои иттилоотӣ дар низоми муносибатҳои сиёсӣ: таҳлили масъалаҳои асосии назариявӣ ва амалии он [Матн] / Д. А. Саидзода // Фурӯғи илм. – 2024. – No. 3.(3) – С.146-158. ISSN: 3078-395X; EDN: LPWHSX.
6. Саидзода, Д. А. Теоретические и концептуальные подходы к исследованию информационной войны [Матн] / Д. А. Саидзода // Светоч науки. – 2024. – №4.(4) – С.113-124. ISSN: 3078-395X; EDN: BGJIAM.
7. Саидзода, Д. А. Бавуҷудоии «бухрони зеҳнӣ» дар шароити таъсири ҳуҷумҳои иттилоотию психологӣ ба шуури ҷамъиятӣ [Матн] / Д. А. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No.10-2. – С.282-288. ISSN: 2413-5151; EDN: EZTXHS.
8. Саидзода, Д. А. Рушди технологияҳои рақамӣ ва аҳамияти он барои давлат: таҳлили сиёсӣ-амалӣ [Матн] / Д. А. Саидзода // Фурӯғи илм. – 2025. – No.2. (06) – С.172-180. ISSN: 3078-395X; EDN: PNNBKE.
9. Саидзода, Д. А. Набардҳои иттилоотии навъи идеологияи радикалӣ дар мисоли экстремизми сиёсӣ-шабакавӣ [Матн] / Д. А. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – No.2. – С.325-331. ISSN: 2413-5151; EDN: ASFZWS.
10. Саидзода, Д. А. Сенарияи ғолиб омадан ва ҳимояи манфиатҳо дар шароити тавсеаи набардҳои иттилоотӣ [Матн] / Д. А. Саидзода // Илм ва амният. – 2025. – No.3(13). – С.36-43. ISSN: 2959-6394; EDN: CSGKWS.
11. Саидзода, Д. А. Набардҳои иттилоотии муосир ва таъсири он ба низоми сиёсати пешгирифтаи давлатҳо [Матн] / Д. А. Саидзода // Фурӯғи илм. – 2025. – No.3.(07) – С.91-97. ISSN: 3078-395X; EDN: UOUIFJ.
12. Саидзода, Д. А. Таҳқиқи набардҳои иттилоотӣ дар шароити муосир [Матн] / Д. А. Саидзода // Паёми Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа. Бахши илмҳои психологӣ, ҳарбӣ ва сиёсӣ. – 2025. – №2 (2). – С.134-145. ISSN: 2709-2909.
13. Саидзода, Д. А. Назарияи соҳибихтиёрии иттилоотӣ ва хосиятҳои асосии он [Матн] / Д. А. Саидзода // Фурӯғи илм. – 2025. – No.4 (08). – С.173-178. ISSN: 3078-395X; EDN: HFMREW.
14. Саидзода, Д. А. Шабакаҳои иҷтимоӣ: омили хатарҳо ва таҳдидҳо ё Майдоне барои набардҳои иттилоотӣ [Матн] / Д. А. Саидзода // Паёми

донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. – No. 4(20). – С.179-187. ISSN: 2710-4672; EDN: OHGFFC.

15. Саидзода, Д. А. Соҳибихтиёрии сиёсӣ ва соҳибихтиёрии иттилоотӣ: азҳамвобастагӣ дар шароити тавсеаи набардҳои иттилоотӣ [Матн] / Д. А. Саидзода // Фурӯғи илм. – 2026. – No.1 (09). – С.173-178. ISSN: 3078-395X;

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. Саидзода Д. Информационные войны - угроза национальной безопасности / А. Н. Мухаммад, Д. Саидзода // Социальные сети интернета как реальная угроза национальной безопасности: Материалы республиканской научно-теоретической конференции, Душанбе, 29 ноября 2022 года / Таджикский национальный университет. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2022. – С.11-15. – EDN ASFACO.
2. Саидзода, Д. А. Экстремизми сиёсӣ дар фазои иттилоотӣ ҳамчун навъи радикалии набардҳои иттилоотӣ / Д. А. Саидзода // Роҳҳои пешгирии экстремизм ва терроризм дар шароити имрӯза: Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ, Душанбе, 09 октября 2024 года. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2024. – С.153-161. – EDN: BZJROK.
3. Саидзода Д.А. Аҳаммияти конститутсия ҳамчун санади олии ҳукукї дар бунёди давлати ҳуқуқии Тољикистон / Д.А. Саидзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ». 1-2 ноябри соли 2024 / Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар-2024. – С. 82-89.
4. Саидзода, Д. А. Экстремизми сиёсӣ дар фазои иттилоотӣ ҳамчун навъи радикалии набардҳои иттилоотӣ / Д. А. Саидзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Нақш ва мақоми технологияҳои рақамӣ дар иттилоотикунонии ҳаёти ҷомеа" 5-уми марти соли 2025 / Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. – Хуҷанд-2025. – С.150-155.
5. Саидзода, Д. А. Основные вопросы и направления развития дипломатических отношений Таджикистана и Узбекистана / Д. А. Саидзода // Республиканская научно-практическая конференция «Современные проблемы исследований: традиционные методы и инновации» / Бухарский государственный университет. – СТ. 202-207. 14-16-iyun 2025-yil.

**Ҷаласа карор кард:**

1. Диссертатсияи Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи

илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» санаи 14 феврали соли 2026 № 7 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 21 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа,
доктори илмҳои сиёсӣ,
мудири кафедраи сиёсатшиносӣ
ва муносибатҳои байналмилалии
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Саидов А.С.

Котиби ҷаласаи кафедра,
номзади илмҳои сиёсӣ Саидзода Д.С.

Имзоҳои Саидов А.С. ва
Саидзода Д.С. тасдиқ менамоям.
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Наҷмиддинзода М.
аз «19» 02 соли 2026